Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005
назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А.Дониш
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии
Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)
www.institute-history.tj

**Тақризи муқарризи расмӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент Саъдиев Шухрат Самарович**
**ба диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна дар мавзӯи «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон (солҳои 1991-2001)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих**

## Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ

Бояд гуфт, ки то имрӯз нисбат ба сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон андешаҳои гуногун мавҷуданд. Аммо новобаста ба ин, ҳанӯз ҳам ҳам олимону муҳаққиқони ватанӣ нисбат ба ин масъала ба хулосаи ягона нарасидаанд. Дар алоқамандӣ бо ин муаллиф дар заминаи таҳлили андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва омилҳои гуногуни онро нишон додааст. Қобили зикр аст, ки дар баробари сабабҳои мавҷуда, инчунин рӯзи 18 марти соли ҷорӣ Президенти мамлакат зимни вохӯрӣ бо олимони кишвар дар суханронии худ яке аз сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандиро аз бетарафии олимону зиёин муаррифӣ намуд. Ҳамин тариқ, омӯзиши сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ воқеан ҳам масъалаи мураккаб ва ҳамзамон хеле муҳим мебошад, ки бояд дар доираи таҳқиқотҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Аз ин рӯ, муҳиммияти омӯзиши таърихи оштии миллии байни тоҷикон, пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ низ муайян карда шавад. Гузашта аз ин, муваффақияти расидан ба сулҳу созиш ва ба даст овардани оштии миллӣ низ аз он вобаста буд, ки ҷонибҳои низоъ то кадом андоза сабабҳои ҷанги шаҳрвандиро дарк намуда буданд.

Ҳамзамон, омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва таърихи оштии миллии тоҷикон бо дарназардошти воқеиятҳои навини давлатдорӣ ва ба хотири ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ хеле муҳим буда, инъикоси воқеии саҳифаи таърихи сиёсии мамлакат барои наслҳои оянда ибратомӯз ва баҳри ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии онҳо хеле аҳамиятнок аст. Таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мазкур имкон медиҳанд, ки шахсиятҳои таърихӣ ва чеҳраҳои ватандӯсти миллат на танҳо ба ҷавонон, балки ба тамоми ҷомеа муаррифӣ гардад.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия**

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки боби аввали он асосан ба омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир бахшида шудааст. Дар зербоби аввали ин боб муаллиф дар заминаи таҳлили равандҳои сиёсии мамлакат сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди ба амал омадани онро нишон додааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои гуногун сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандиро нишон диҳад ва аз ӯҳдаи ин кор баромадааст. Дар зербоби дуюми ин боб раванди гуфтушуниди ҷонибҳои ба ҳам муқобили ҷанги шаҳрвандӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои баимзорасида ва натиҷаҳои он мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар ин қисми таҳқиқот муаллиф нишон медиҳад, ки барои танзим намудани низои байни тоҷикон чи гуна кӯшишҳо ва талошҳо анҷом дода шудаанд. Дар ин самт муаллиф доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳоро таҳлил намуда, мушкилиҳои баргузоршавии ин равандро хеле хуб инъикос намудааст. Дар раванди омӯзиши ин масъала нишон дода мешавад, ки давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ чи гуна дар оштии миллии тоҷикон ширкат варзидаанд ва кадоме аз онҳо саҳми бештар гузоштаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия таърихи ба амал омадани раванди оштии миллии тоҷикон, раванди таъсисёбии комиссияҳои ҷонибҳои низои сиёсӣ, нақши созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ дар танзиму ҳалли низои байнитоҷикон ва дар маҷмӯъ мақом ва нақши таърихии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Дар зербоби аввали ин боб таърихи таъсисёбии комиссияҳои гуногуни оштии миллӣ, самтҳои фаъолияти онҳо, нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳарбӣ баррасӣ гардидаанд. Воқеан ҳам раванди танзими низои сиёсии байнитоҷикон ва оштии миллии ҷонибҳои даргирро бе фаъолияти комиссияҳои фаврии оштии миллӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Муаллиф дар ин қисми таҳқиқот фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва зеркомиссияҳои онро, инчунин комиссияҳои пеш ин таъсисёфтаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар зербоби дуюми ин боб ба сифати миёнарав иштирок намудани давлатҳои гуногун ва созмонҳои байналмилалӣ нишон дода шудааст. Ба андешаи як қатор сиёсатшиносон ва таҳлилгарони соҳаи низоъшиносӣ, низои сиёсии Тоҷикистон яке аз низоъҳои мураккаб ва пурпечидаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт. Ҳалли низои сиёсӣ ва раванди гуфтушунид

миёни ҷонибҳои низоъ дар шароитҳои душвори сиёсӣ ва бухронӣ ба амал омадаанд, ки чунин ҳолат аз мураккабии он дарак медиҳад. Дар самти ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва ташкили оштии миллии тоҷикон дар баробари як қатор омилҳои дохилӣ, инчунин фаъолияти намояндагони расмии созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ низ хеле назаррас мебошанд. Дар параграфи сеюми боби дуюм раванди дар амал татбиқ гардидани ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат, бартараф намудани харобиҳои ҷанги шаҳрвандӣ, оғози корҳои ободонию созандагии давраи баъдиҷангӣ ва пурра ба ҳаёти осоишта сафарбар гардидани шаҳрвандони мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Таҳлили раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам мухолиф ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ нишон медиҳад, ки воқеан ҳам Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои миллати тоҷик ҳуҷати сарнавиштсоз ва тақдирсоз маҳсуб меёбад. Маҳз дар доираи талаботи ин ҳуҷҷат ҷонибҳо тавонистанд миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз вартаи нобудӣ раҳо бубахшанд. Ҳамчунин дар раванди оштии миллӣ мардуми шарифи Тоҷикистон низ, ки соҳиби фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳастанд, баъди гузашти чанд соли тиравy тор дарк намуданд, ки ҷанги ҷомеаи онҳо ҷанги таҳмилӣ буда, ба ғайр аз харобиву вайронӣ ба онҳо чизеро муҳайё намекунад.

## Навовариии илмии таҳқиқот ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада

Дар диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна дар заминаи таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмӣ бори аввал дар чунин шакл ба таври комплексӣ таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар солҳои 1991-2001 мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф бо мақсади мушаххасан нишон додани сабаб ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, аз қабили саршавии бетартибиҳои дохилӣ, оғози амалиётҳои ҳарбӣ ва бархӯрди неруҳои сиёсӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ машғул гардидааст. Дар диссертатсия марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, монеаҳо, мушкилот, омилҳои таъсиррасон ва баъзе хусусиятҳои давраи баргузории гутушунидҳо муайян карда шудаанд. Инчунин дар таҳқиқоти муаллиф таърихи таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, нақш ва саҳми онҳо дар танзими ҷанги шаҳрвандии байни тоҷикон нишон дода шудааст. Нақши созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои узви ИДМ

дар танзими ҷанги шаҳрвандӣ, дар самти муҳайё намудани шароит барои баргузор намудани гуфтушуниҳдҳо ва дар самти расонидани кӯмакҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодию гуманитарӣ возеҳу равшан гардонида шудааст. Раванди дар амал татбиқ гардидани талаботи Созишномаи уммии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, натиҷа ва мақоми таърихии он мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, натиҷаҳои амалии он нишон дода шудааст.

Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба воситаи методҳои илмии истифодашуда ва адабиёти илмии омӯхташуда асоснок карда мешавад. Ғайр аз ин, муаллиф ҳуҷҷатҳои сиёсии Созмони Милали Муттаҳидро, ки ба вазъияти сиёсии Тоҷикистон бахшида шудаанд, дар раванди таҳкикот истифода бурдааст. Инчунин ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар раванди гуфутушунидҳо баимзорасида низ аз ҷониби муаллиф истифода гардидаанд. Дар таҳқиқоти мазкур равишҳои муайяни илмӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Чунончӣ, истифодаи меъёрҳои илмии объективӣ ва таърихнигорӣ, инчунин таҳлили маҷмӯӣ, системавӣ ва муқоисавӣ барои инъикоси воқеияти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, барои нишон додани зуҳуроти манфӣ, мушкилот ва дурнамои рушди давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон, хусусиятҳои муҳими раванди ба даст омадани оштии миллии тоҷикон шароити методологӣ ва маърифатӣ фароҳам овардаанд. Дар рисолаи мазкур, инчунин бо истифодаи методҳои маърифатӣ инъикоси воқеаҳову ҳодисаҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, муқоисаи равандҳои сиёсӣ ва инъикоси омилҳои манфӣ ва мусбат нишон дода шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқикот дар он ифода мeёбад, ки дар диссертатсия бори аввал бо чунин шакл ва мазмун дар асосии таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмии дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ баимзорасида воқеияти сиёсӣ ва бухрони ҳарбии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Бинобар ин, таҳлилҳои илмии рисола барои омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, таърихи сиёсии Тоҷикистон ва умуман барои омӯзиши таърихи раванди оштии миллии тоҷикон барои кормандони соҳаҳои илм маводи илмӣ ва фактологӣ ба шумор меравад.

Маводи диссертатсия дар раванди таълим барои омӯзиши таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва барои омӯзиши даҳсолаи аввали таърихи навини Тоҷикистон аҳамияти муҳиму хосса дорад. Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола

ҷойдошта барои нишон додани воқеияти сиёсии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси чанд соли марҳилаи баъдиҷангӣ, инчунин аз ҷониби омӯзгорони фанҳои ҷомеашиносӣ низ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

## Эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот

Вобаста ба норасогиҳои таҳқиқоти мазкур якчанд ҳолатро номбар кардан мумкин аст, ки онҳоро ба таври зайл нишон медиҳем:

1.Дар таҳқиқоти мазкур ба масъалаи аҳамияти байналмилалии сулҳи тоҷикон таваҷҷуҳи камтар дода шудааст. Махсусан истифодаи таҷрибаи сулҳи тоҷикон аз ҷониби дигар субъектҳои низоми муносибатҳои байналхалқӣ ва баҳои давлатҳои дигар ба ин раванд ба назар намерасад.

2.Дар раванди таҳқиқот маводи матбуоти даврӣ камтар истифода гардидааст. Истифодаи чунин мавод имкон медод, ки андешаҳои баъзе таҳлигарон низ вобаста ба ҷанги шаҳрвандӣ ва оштии миллӣ нишон дода шавад.

3.Дар хулосаи диссертатсия бояд тавсияҳои амалии муаллиф ҷойгир карда мешуданд.

4. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд.

Аммо дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо, инчунин дар заминаи таҳлили воқеияти сиёсии ҷомеа вобаста ба масъалаи баланд бардоштани мавқеи субъектнокии элитаи сиёсӣ хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст.

## Мувофиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргардида

Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои таҳқиқотро пурра ифода менамояд. Ҳамин тариқ, диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна дар мавзӯи «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон (солҳои 1991-2001)» аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D020300 – Таърих ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои муҳимми даҳсолаи аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мавзӯи диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои истифодашуда ва мақолаҳои чопнамудаи

муаллиф бо ихтисоси интихобнамудаи ӯ мувофиқат менамоянд. Сохтори диссертатсия ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбини намудаи низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти муҳтавои асосии диссертатсия ва аз рӯи интишороти муаллиф гуфтан мумкин аст, ки Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Дотсенти кафедраи таърихи умумии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих /______________/ Саъдиев Шуҳрат Самарович

Имзои дотсент Саъдиев Ш.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
_______________________________

**Суроғаи муқарриз:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30